# ДАРСИ №9

Медиа сабак

## МАВЗӮЪ:

# МУҲТАВО

**Муҳтаво** - мазмун, мундариҷа тарҷума мешавад; ин ҳама иттилоотест, ки дар сафҳаҳои манбаи веб мавҷуд аст.

**Муҳтаво** - ин матнҳо, файлҳои савтӣ ва видеоӣ, аниматсия, тасвирҳо ва ҳама гуна иттилооте мебошанд, ки дар манбаи интернет ҷой дода шудаанд яъне ҳама чизеро, ки корбар дар интернет хонда метавонад, мебинад, мешунавад.



Медиа сабак

## Иттилооти матнӣ

Ин навъи муҳтаворо метавон роиҷтарин номид, зеро аксари иттилоот дар Интернет дар шакли матн пешкаш карда мешаванд:

- мақолаҳо
- китобҳо
- шарҳи маҳсулот
- эълонҳо ва ғайра



Медиа сабак

## Файлҳои видеоӣ

Наворҳо, филмҳо, намоишҳо, ҳикояҳо, маводҳои маълумотӣ дар видео. Масалан, ҳоло шумо муҳтавои видеои вебгоҳи моро тамошо мекунед.



**Файлҳои савтӣ**

- мусиқа
- дарсҳо
- лексияҳо
- китобҳои савтӣ ва ғайра



Медиа сабак

**Ҳар гуна пост (акс, видеои пост ё твит)** - ин пеш аз ҳама, достон аст.

Мардум ба омӯхтани достонҳои нав шавқманданд.

Ва ҳамчунин дуруст паҳн кардани ин достонҳоро бояд ёд гирифт.




Шояд шумо аллакай саъй карда бошед,
ки саҳифаи худро дар шабакаи иҷтимоӣ
ё блогатон нигоҳ доред, постҳо навиштаед
ва аксҳо ирсол кардаед, яъне худи
муҳтавои худатонро аллакай офаридаед.

Муҳтаво чӣ гуна сохта шуданашро донед, Шумо аллакай ба ҳамаи чизе, ки мешунаведу мебинеду мехонед, бо назари интиқод нигоҳ мекунед. Агар Шумо донед, ки наворро саҳнасозӣ ва аксро дасткорӣ карда мешавад, пас аллакай дарк мекунед, ки ба иттилоот бояд ба назари интиқодӣ нигоҳ кард ва ҳамаро чун ҳақиқат қабул накард.



Муҳтавои ин вебгоҳ - дарси видеоӣ дар бораи саводи расонаӣ аст.

**Саводи расонаӣ** - ин қобилият барои хуб паймоиш кардан дар намудҳои гуногуни расона ва фаҳмидани моҳияти онҳо.



Медиа сабак

# Хулосаҳо:

# Мо аз сарчашмаҳои гуногун (телевизион, радио, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо) маълумот мегирем. Мо инчунин бозиҳои видеоӣ, таблиғот, паёмҳои матнӣ, видеонавор, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайраро тамошо мекунем.

# Барои он ки ба баҳри иттилоот ғарқ нашавед, онро оқилона истифода бурдан, танқид кардан, ҳадафҳои муаллифонро дарк кардан, ба худ саволҳо додан, паёмҳои расонаиро бо масъулиятнокона бисозем.

# Омӯзиш оид ба саводи расонаӣ дар рушди ин малакаҳо мусоидат менамояд.